**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълими 7)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи "Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Дар шароити зудтағйирёбандаи омилҳои иқтисодӣ раванди ҳамгироии иқтисоди миллӣ ба низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз ташкилоту корхонаҳои ватанӣ на танҳо риояи стандартҳои мавҷудаи сифати истеҳсолот ва хизматрасонӣ, балки ягонагии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро низ тақозо мекунад, ки ин имкон медиҳад баҳодиҳии муқоисавӣ ва тавсифи фаъолияти иқтисодии корхонаҳо чи дар дохили давлат ва чи берун аз он таъмин карда шавад. Илова бар ин, гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дастрасии сармоягузорони хориҷиро ба бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ афзоиш дода, дар навбати худ, низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидориро ба низоми ягонаи баҳисобгирии байналмилалӣ пайваст менамояд.

Тамоюли муосири рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити муосир ба иқтисодиёти рақамӣ ва дигар шаклҳои нави фаъолияти иқтисодӣ мубрамияти хосаро ба худ касб намуда, мутабиқшавии субъектҳои хоҷагидориро ба ин раванд тақозо мекунад, ки яке ин равандҳо гузариши низоми баҳисобгирии муҳосибии миллӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) мебошад.

Дар автореферати диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалии баҳодиҳии раванди баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар

шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ инъикос ёфтааст, ки дар шароити кунунии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят муҳим мебошад.

Қайд гардидааст, ки имрӯз бо вусъат ёфтани равандҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ васеъ шуда, ҳадафи он низ ба шароити иқтисодии замони нав мутобиқ мегардад. Акнун дар баҳисобгирии муҳосибӣ майлон ба қоидаҳои ҳамамақбули ҷаҳонӣ – СБҲМ, ки принсипҳои асосии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро муайян мекунанд, бештар ба назар мерасад. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидории алоҳида ба мувофиқа омада, бо қоидаҳои ягона роҳандозӣ карда мешавад (саҳ.15).

Муаллиф дар ҷадвали 1 ба таҳқиқи мафҳуми «ҳамоҳангсозӣ» таваҷҷуҳ намуда, дар асоси нигоҳи олимони гуногуни соҳа қайд менамояд, ки мафҳуми ҳамоҳангсозӣ солҳои охир дар адабиёти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ зиёд дучор мешавад ва бештар бо талаботи СБҲМ вобаста аст. Вале аҳаммияти ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи СБҲМ-ро на ҳамаи муаллифон як хел шарҳ додаанд (саҳ.16-17).

Дар расми 5 муаллиф тадбирҳои асосӣ барои гузариш ба СБҲМ дар доираи ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ гурӯҳбанди намуда, қайд намудааст, ки ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариш ба СБҲМ барои роҳандозии муносиби худ иҷрои тадбирҳои муайян – таҳияи заминаҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрӣ, воситаҳои гузариш ба СБҲМ, инчунин муайян кардани принсипҳои омодасозӣ ва таркиби унсурҳои асосии ҳисоботи молиявиро талаб мекунанд (саҳ.27).

Дар баробари ҳаммаи ин комёбиҳо ба назари мо автореферат дорои якчанд норасоиҳо низ мебошад, аз он ҷумла:

1. Дар автореферат асоснок нагардидааст, ки истифодаи тавсияҳои рисола дар амал барои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ чӣ натиҷаҳои мусбӣ ва манфӣ меорад.

2. Аз натиҷаи таҳқиқот муайян намудан душвор аст, ки ҳамкориҳои судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи гузариш ба СБҲМ дар кадом сатҳ қарор дорад.

Дар маҷмуъ норасоиҳои ошкоршуда, сифати аслии таҳқиқоти анҷомдодашударо коста намегардонад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», кори илмии анҷомдодашуда арзёбӣ гардида, ба талаботҳои бандҳои шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарриз,**
**д.и.и., профессори кафедраи молия ва қарзи**
**Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон** **Ашуров И.С.**

*(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30,* ***Телефон:*** *(+99237) 221-35-50, (+992) 227-67-90 E-mail.p.rektora@mail.ru)*

Имзои Ашуров И.С.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А.А.**

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ